Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки субъекти мустақили он ба ҳисоб мерафт ба Истиқлолияти давлатӣ ноил гардид. Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ворид гардидан ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ – бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё намуд. Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз мавзӯъҳои мубрам дар давлатҳои ба иқтисодиёти бозоргонӣ рӯоварда мебошад, чунки аз натиҷаи ин фаъолият бевосита некуаҳволӣ ва зиндагии ҷомеа вобастагӣ дорад. Ҷараёнҳое, ки бо рақобатнокӣ, ташаккул ва амали бозорҳои молхо алоқаманданд, объекти диққати махсуси қонунгузорони тамоми мамлакатҳое, ки ба иқтисоди бозоргонӣ рӯ овардаанд, гаштаанд. Ба зарурати мавҷудияти қонунгузории соҳибкорӣ ва вазифаҳоеро, ки он бояд иҷро намояд, ҳанӯз дар адабиёти шӯравӣ диққат дода шуда буд.

Мақсади таҳқиқоти илмиро масъалаҳои ошкор кардан ва ҳалли проблемаҳои асосии назариявӣ ва амалии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ), муайян кардани моҳияти ҳуқуқӣ ва нақши ин шартнома дар соҳаи соҳибкорӣ ва коркарди пешниҳодҳои илман асоснокшуда мебошад, ки аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд. Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ як қатор вазифаҳоро муайян намуда ҳамчун самти мушаххаси тахқиқот баррасӣ намудааст:

–омӯзиши бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя;

– таҳлили муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя бармеоянд;

– таҳқиқи муқоисавӣ – ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя ҳаммонанд;

– ошкор намудани мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя;

– таҳқиқи ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя;

– баррасии асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи фаъолияти якҷоя;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсад ва аҳамияти амалии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари муаллиф дар коркарди асосҳои назаривӣ ва амалии шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ ифода шуда-аст, ки бо роҳи муайян намудани пайдоиш ва рушди ниҳоди шартномаи фаъолияти якҷоя, ошкор намудани муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд, тафриқагузории шартномаи фаъолияти якҷоя аз дигар шартно-маҳои ба фаъолияти якҷоя алоқаманд, воридсозии мафҳум ва аломатҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, тадқиқ кардани ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, баррасии асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи фаъолияти якҷоя ба даст омадаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар боби якуми диссертатсия «Таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)» муаллиф масъалаҳои бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя, муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз чунин шартномаҳо ба вуҷуд меоянд ва таҳқиқи муқоисавӣ – ҳуқуқии шартномаи

фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқамандро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ, ки «Табиати ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)» ном дорад, муаллиф масоили мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя, вазъи ҳуқуқии тарафҳои чунин шартнома ва асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи фаъолияти якҷояро таҳқиқ намудааст.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти калон ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зевcurrentшоҳ Гулаҳмад аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Зимни таҳқиқот муаллиф аз мафҳумҳои гуногун истифода намудааст, аз ҷумла «Ширкати одӣ», «Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя», «Шарики шартномаи фаъолияти якҷоя», «Ширкати махфӣ» ва «Консорсиум» хубтар мешуд, ки дар рӯзи ҳимоя ба саҳми аъзои Шӯрои диссертатсионӣ моҳияти ҳуқуқии ин мафҳумҳоро ба таври дақиқ мерасонд.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии**
**муқоисавии факултети дипломатия ва**
**сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Мирзоев П.И.**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикситон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: +992 (37) 224-17-86. Факс: (37) 224-17-86. Email: info@apa.tj**

**Имзои Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобозода О.О.**